**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи "Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Ба ҳамагон маълум аст, ки масъалаи омӯзишу таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар даврони соҳибситиқлолии кишвар бешубҳа, яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар забоншиносии муосир дониста мешавад. Аз ин лиҳоз яке аз роҳҳои асосии омӯзиш ва баррасии масъалаи мазкур таҳлили забонии асару эҷодиёти шоирону нависандагон ба ҳисоб меравад, ки дар забоншиносии имрӯз таваҷҷуҳи хоссаро талаб кардааст. Бо назардошти ин ва мавҷуд будани маводи фактологӣ мавзуи мазкур интихоб ва аз ҷониби диссертант Файзова Таҳмина Иззатуллоевна мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муҳиммияти омӯзиши мавзуи интихобгардидаро масъалаи таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар осори бадеӣ, махсусан осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев, инчунин сатҳи нокифояи омӯзиши он аз нуқтаи назари забоншиносӣ муайян менамояд, ки барҳақ дуруст аст. Чунки мавзуи мазкур то ин марҳила корнохӯрда боқӣ монда, ба таври пурра чун як кори анҷомёфтаи илмӣ пешниҳод нагардида буд.

Аз ин нуқтаи назар ба риштаи таҳлил кашида шудани масъалаи мазкур бамаврид ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар он талошу ҷустуҷӯҳои зиёди илмӣ карда шуда, тавассути чунин амалкард муаллиф ба муваффақиятҳо ноил гардидааст.

Дар ин раванд ёдовар шудан лозим аст, ки интихоби осори нависандаи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев ба сифати объекти таҳқиқ тасодуфӣ нест. Чунон, ки ӯ таъкид менамояд "ба эҷодиёти ӯ самти

инсондустӣ ва баланд бардоштани хислатҳои баланди инсонӣ хос аст”. Аз ин рӯ таҳлилу таҳқиқи ҷанбаъҳои функсионалӣ ва семантикии воҳидҳои одоби муҳоварат бо истифода аз маводи асарҳои таълифнамудаи адиб кори наҷибу арзандаест.

Ҳамчунин ёдовар шудан лозим аст, ки ба сифати объекти таҳқиқ асарҳои бадеии нависанда – романи «Палатаи кунҷакӣ», повестҳои «Варта», «Одамони кӯҳна», «Шоҳии япон», ҳикояҳои «Порои остин», «Савдои умр», ҳикояҳои ҳаҷвии «Муболиға», «Хоҷанавпараст», «Иди нав» интихоб гардида, аз ҳар кадом маводи зарурӣ истифода карда шудааст, ки зарурати ибрози он нест.

Рисолаи мазкур тибқи сохтори маъмули шаклгирии диссертатсияҳо аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки дар 173 саҳифаи чопи компютерӣ омода карда шудааст.

Дар хулоса бошад, диссертант аз таҳқиқоти анҷомдодаи худ натиҷагирӣ намуда, дар банду зербандҳои мушаххас андешаҳо ва хулосабарориҳои назарии худро ироа намудааст.

Автореферати диссертатсия дар асоси стандарҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Он бо забони фасеҳу равон нигориш ёфта, пурра натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки муҳаққиқ дар баробари эҳтиром гузоштан ба андешаи олимон бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои асарҳои илмӣ ишораҳо кардааст.

Аммо гарчанде, ки паҳлуҳои гуногун ва ҷолиби мавзуи интихобгардида аз ҷониби муаллиф баррасӣ, хулосабарорӣ ва натиҷагирӣ карда шуда бошад ҳам, вале баъзе нуқсону камбудӣ дар фишурдаи кори таҳқиқотӣ ба назар мерасад ва ислоҳ намудани онҳо сифати корро боз ҳам беҳтару хубтар менамояд:

1. Дар саҳифаи 2-юм, қисми бо забони русӣ таълифшуда, дар номҳои муқарризони расмӣ ҳуруфҳои тоҷикии “ҳ” ва “ҷ” ҷойгир карда шудааст.

Хулоса, татқиқоте, ки Файзова Таҳмина Иззатуллоевна анҷом додааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ ва ҳам аз нигоҳи асолат ва навоварӣ дар забоншиносӣ муосири тоҷик пажӯҳиши арзишманд мебошад.

Бо дарназардошти ин метавон гуфт, ки рисола ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи забон
ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи
давлатии Данғара Раҳмоналиев Ҷ.Х.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
Тел: 902 44 44 85
Т-mail: rovidon@bk.ru

Имзои Раҳмоналиев Ҷ.Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Тоирзода С.Т.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25
Тел: 905773310
Т-mail: avliyogulov97@mail.ru
Сана: “16” 08 с.2024